Дар ҷаласаи Шӯрои олимони МДТ ДИС ДДТТ дар шаҳри Хуҷанд муҳокима ва қабул карда шудааст, протоколи № ___ аз «___»____________соли 201__
Директор___________Олимӣ Р.Л.

# Низомнома
# дар бораи шаклҳои тайёрии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии кормандон дар МДТ Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ дар шаҳри Хуҷанд

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1 Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрии дохилӣ таҳия гардида, шаклҳои тайёрии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии кормандон ва тартиби фаъолияти минбаъдаи кории кормандоне, ки аз ҳисоби маблағҳои донишкада ва дигар сарчашмаҳои барномаҳои мақсаднок, грантҳо ва монанди онҳо ба курсҳои такмили ихтисос фаро гирифта мешаванд, ба танзим медарорад.

1.2. Дар асоси талаботи банди 1, моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф дар раванди таълиму тарбия ӯҳдадор ҳастанд – бо мақсади такмили маҳорати касбӣ ҳар 5 сол аз такмили ихтисос гузаранд.

1.3. МДТ Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ дар шаҳри Хуҷанд баҳри таъмин намудани шароити мусоид барои такмили ихтисоси омӯзгорон тадбирҳои зарурӣ, аз қабили бастани шартнома бо муассисаҳои таълимии такмили ихтисос, пешниҳоди лоиҳа ва иштирок дар барномаҳои мақсаднок, грантҳо ва ғайраро меандешад.

1.4. МДТ Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ дар шаҳри Хуҷанд шаклҳои муосири тайёрии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии кормандонро бо роҳи пешниҳоди лоиҳа ва иштирок дар барномаҳои мақсаднок,

грантҳо ва ғайраро таъмин намуда, ба омӯзгорон барои ҳамчун кормандони донишкада доир намудани таҷрибаомӯзиро дар донишгоҳу донишкадаҳои хориҷи кишвар шароит фароҳам оварда, ҷойи корашро нигоҳ медорад.

1.5. Омӯзгороне (кормандон), ки дар барномаҳои мақсаднок, грантҳо ва лоиҳаҳое, ки бевосита бо мусоидати донишкада, ташкил карда мешаванд, иштирок менамоянд, баъд аз бозгашт аз ин барномаҳо, ӯҳдадоранд дар донишкада фаъолияти меҳнатии бетанаффуси 2 (ду) сола ба анҷом расонанд, яъне омӯзгорон (кормандон) дар давоми 2 (сол) бо ҳоҳиши худ ҳуқуқи аз донишкада аз кор озод гардида ба дигар муассисаи таълимӣ ва ё ташкилоту корхонаҳо ба кори доимӣ қабул шуданро надоранд. Дар сурати аз ҷониби омӯзгор (корманд) ҷуброн намудани маблағҳои барои барномаҳои мақсаднок, грантҳо ва лоиҳаҳое, ки бевосита бо мусоидати донишкада масрафшуда, ӯ ҳуқуқи пеш аз мӯҳлати 2 сола бо хоҳиши худ аз кор озод шуданро пайдо менамояд.

1.6. Қабл аз иштирок ва пешбарӣ барои иштироки омӯзгор (корманд) дар барномаҳои мақсаднок, грантҳо ва лоиҳаҳое, ки бевосита бо мусоидати донишкада ташкил шудаанд, масъулини донишкада вазифадоранд ба омӯзгор (корманд) мӯҳтаво ва шартҳои Низомномаи мазкурро бо гирифтани розигии хатии онҳо шинос намоянд.

1.7. Масъалаҳои дигар вобаста шаклҳои тайёрии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии кормандон ва тартиби фаъолияти минбаъдаи кории кормандон, ки дар Низомномаи мазкур танзим нагардидааст, аз тарафи Шӯрои олимони донишкада мутобиқ бо салоҳияти он ва дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал мегарданд.

Муовини директор оид ба
робитаҳои байналмиллалӣ И. Аминов

Ҳуқуқшинос П. Зокиров

Ман ________________________________________________ довталаб барои

**(ному насаб, вазифа)**

иштирок дар барнома, грант, лоиҳаи ______________________________________

_______________________________________________________________________,
ки он бевосита бо мусоидати донишкада ташкил шудааст, бо талаботи Низомнома дар бораи шаклҳои тайёрии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии кормандон дар МДТ Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ дар шаҳри Хуҷанд шинос гардида, ӯҳдадор мегардам талаботи банди 1.5. онро баъд аз бозгашт аз таҷрибаомӯзи ба пуррагӣ таъмин намоям.

________________________ _____________ __________________________

**(вазифа)** **(имзо)** **(ному насаб)**

**шаҳри Хуҷанд,**
**“___”__________соли 2019**

*(Бо тарзи хатти пур карда мешавад)*